**ХУЛОСАИ**

**комиссияи ташхиси Шӯрои диссертатсионии 6D. КОА-022 дар назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон оид ба диссертатсияи номзадии Маликнеъмат Гулихандони дар мавзӯи «Вежагиҳои сохторию маънoии қисса андар қисса дар “Маснавии маънавӣ”-и Мавлоно Ҷалолиддини Балхӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик пешниҳод шудааст.**

Диссертатсияи Маликнеъмат Гулихандони ба таҳлилу таҳқиқи ҷанбаҳои назарӣ, таърихи пайдоиш ва такомули тадриҷии қисса андар қисса дар «Маснавии маънавӣ»-и Мавлоно Ҷалолиддини Балхӣ бахшида шудааст. Аҳаммияти ин кори диссертатсионӣ, пеш аз ҳама, аз он иборат аст, ки хусусиятҳои сохторию маънoии қисса андар қисса дар «Маснавии маънавӣ» дар қолаби диссертатсия бори аввал таҳқиқ шудааст.

Таҳқиқи сохтори қисса андар қисса дар «Маснавӣ» дар шинохти тафаккури Мавлоно арзишнок ва судманд дониста мешавад.

Навгониҳои диссертатсия дар он зоҳир меёбад, ки он дар адабиётшиносии тоҷик нахустин пажӯҳиши илмиест, ки қисса андар қисса дар бофти «Маснавии маънавӣ»-и Мавлоно мавриди таҳлили ҳамаҷониба қарор гирифта, вижагиҳои корбурди қисса андар қисса аз ҷониби ин эҷодкори ориф ва фарқи он аз дигар осори қисса андар қисса, таъсирпазирии Мавлоно аз дигарон дар офариниши қисса андар қисса ва ҳунари қиссапардозии ӯ баррасӣ шудаанд.

Сарчашмаи асосии таҳқиқ матни илмию интиқодии «Маснавии маънавӣ»-и Мавлоно Ҷалолиддини Балхӣ мебошад, ки аз рӯйи нусхаи Рейналд Николсон бо эҳтимоми Маҳдӣ Озари Яздӣ (Хуррамшоҳӣ) дар Эрон ба нашр расидааст. Дар раванди таҳқиқ дигар нашрҳои кириллӣ ва форсии «Маснавии маънавӣ» низ истифода шудаанд.

Диссертант ҳангоми таҳқиқи мавзӯъ равиши муқоисавӣ-таърихиро асоси кор қарор дода, аз равишҳои таҳлилию сохторӣ, истидлолӣ, оморӣ, равонтаҳлилӣ, муқоисавӣ ва дигар усулҳои писандидаи илмӣ истифода бурдааст.

Диссертант дар пажӯҳиши худ ба дастовардҳои илмии адабиётшиносони ватанию хориҷӣ, чун В. Шкловский, Б. Томашевский, П. Гринсер, С. Тодоров,

С. Нестерова, Ж. Жаннет, В. Шмид, М. Герхардт, Абдулҳусайни Зарринкӯб, Бадеуззамони Фурӯзонфар, Тақии Пурномдориён, Самиро Бомашкӣ, Ҳамидризо Таваккулӣ, Юсуфҷон Салимов, Худой Шарифов, Абдуманнон Насриддинов ва дигарон такя намудааст.

Диссертатсияи Гулихандони Маликнеъмат аз муқаддима, се боб, шаш фасл, хулоса, китобнома, истилоҳот ва замима иборат буда, аз нигоҳи фарогирии масъалаҳо ва сохтори илмӣ созгор мебошад.

Дар боби аввали диссертатсия, ки аз ду фасл иборат аст, мафҳуми қисса андар қисса мушаххас ва навъҳои он муайян гардида, заминаҳои пайдоишу ташаккул ва сайри такомулии он дар адабиёти тоҷик баррасӣ шудаанд.

Боби дуюми рисола низ аз ду фасл иборат буда, дар ин боб масъалаҳои марбут ба шигардҳои ҳунарии Мавлоно дар қиссапардозӣ, ибтикороташ дар корбасти қиссаи меҳварӣ ва аҳдофи ӯ дар овардани қиссаҳои илҳоқӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд. Дар ин боб ба ду ҷанбаи қиссапардозиҳои Мавлоно дар «Маснавии маънавӣ» – дахлу тасарруфи ӯ бар қиссаҳои пешин ва таъвилоти ӯ аз қиссаҳои «Маснавии маънавӣ» таваҷҷуҳ шудааст.

Дар боби сеюм масъалаҳои марбут ба ровиён ва усули ривоят, воситаҳои сохторсози пайванди қиссаҳо, мисли тадоии маонӣ, фабулаи муштарак, андешаи меҳварӣ ва такрор мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд.

Маводи диссертатсия ва дастовардҳои илмии таҳқикро дар баррасии масъалаҳои назарӣ ва таърихии алоқаманд ба ҳунари қиссапардозӣ ва халлоқиятҳои адабии Мавлоно дар офаридани асари адабӣ ва дар омӯзиши осори қисса андар қисса дар адабиёти форсии тоҷикӣ метавон мавриди истифода қарор дод. Натиҷаҳои таҳқиқ дар шинохти раванди такомулии падидаҳои адабӣ ва назарияпардозиҳо дар атрофи онҳо маводи муфид хоҳад дод.

Нуктаҳои асосӣ ва натиҷаҳои таҳқиқ дар 8 (ҳашт) мақолаи муаллиф, аз ҷумла дар 5(панҷ) мақолаи мундариҷ дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Точикистон инъикос шудаанд.

Автореферати диссертатсия ва мақолаҳои нашркардаи унвонҷӯ фарогири мазмуну мундариҷаи комили диссертатсия мебошанд.

Аҳаммияти таҳқиқ, тозагиҳои илмӣ ва арзиши амалии диссертатсияро ба назар гирифта, комиссияи ташхис ба чунин хулоса омад, ки диссертатсияи

номзадии Маликнеъмат Гулихандони дар мавзӯи «Вежагиҳои сохторию маънои қисса андар қисса дар “Маснавии маънавӣ”-и Мавлоно Ҷалолиддини Балхӣ» таҳқиқоти анҷомёфта буда, ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошад ва онро барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик пешниҳод намудан мумкин аст.

Комиссияи ташхис муҳаққиқони зеринро, ки корҳои илмӣ-тадқиқотияшон ба ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик мувофиқат доранд, ба ҳайси муқарризони расмӣ пешниҳод менамояд:

**Низомов Муҳриддин Зайниддинович –** доктори илми филология, ректори Институти давлатии санъат ва фарҳанг,

**Муҳаммадиев Шамсиддин Муродович** – номзади илми филология, ходими пешбари илмии шуъбаи таърихи адабиёти Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон,

Ба сифати муассисаи тақриздиҳанда Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ тавсия мешавад.

**Раиси комиссияи ташхис:**
доктори илми филология, профессор,
узви Шӯрои диссертатсионӣ Мақсудов Бадриддин

**Аъзои комиссияи ташхис:**
доктори илми филология, профессор,
узви Шӯрои диссертатсионӣ Кӯчарзода Аламхон

доктори илми филология, профессор,
узви Шӯрои диссертатсионӣ Мисбоҳиддини Нарзиқул